«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

профессор Ҳумайдзода К.Х.

_____

«30» 01 2021 с.

ХУЛОСАИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи доктори фалсафа PhD Алҷуханӣ Султон Абдулкарим «Вижагиҳои матнҳои сиёсии тарҷумашуда аз забони форсӣ ба забони арабӣ» (бар асоси расонаҳои www. irna.ir (ایرنا), www. BBC Persian (بی بی سی) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020900- «Шаркшиносӣ» дар кафедраи филологияи Эрони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст. Алҷуханӣ Султон Абдулкарим пас аз хатми магистратураи факултети забонҳои Осиё ва Аврупо давраи докторантураро дар кафедраи филологияи Эрони факултети мазкур тайи солҳои 2016-2019 ба поён расонидааст.

Мушовирони илмии ӯ доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи филологияи Эрон, профессор Сафаров Умархоҷа Раҳимович ва номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи араб Исмонов Кароматулло Бадриддинович мебошанд.

Мавзӯи диссертатсия дар Шӯрои олимони факултети Осиё ва Аврупои ДМТ (02.12.2015, қарори №3) тасдиқ шудааст.

Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Диссертатсия ба таҳлилу баррасии хусусиятҳои забонии матнҳои сиёсӣ бар асоси маводи тарҷумашуда аз форсӣ ба арабӣ ихтисос дорад. Пӯшида нест, тарҷума яке аз навъҳои душвори фаъолияти зеҳнии инсон ба шумор рафта, дар асри ҳозир бар асари густариши ҳамкориҳову иртиботи миёни халқҳо аҳаммияти бештаре пайдо менамояд. Масъалаи тарҷума ҳамвора мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони риштаҳои гуногун мисли фарҳангшиносӣ, равоншиносӣ, таърихшиносӣ, адабиётшиносиву фалсафа қарор мегирад. Дар илми тарҷумашиносӣ барои ҳар соҳае аз илм, ки пайванде бо тарҷума дорад, метавон заминаҳои мушаххасеро ҷудо намуд. Ба ин маънӣ, ки як матни тарҷума мумкин аст, заминаи адабӣ, фалсафӣ, фарҳангӣ ё равонӣ дошта бошад, вале воқеият ин аст, ки дар ҷараёни тарҷума нақши муҳимро забонҳо мебозанд.

Бо назардошти ин дар диссертатсия таъкид шуда, ки миёни маводе, ки ба тарҷума ниёз доранд, матнҳои сиёсӣ мавқеи хосро ишғол менамоянд, зеро ҳар матни сиёсӣ дорои забони хоси сиёсӣ аст ва тарҷумаи матнҳои сиёсӣ дар фаъолиятҳои миёни кишварҳо аҳаммияти муҳиме дорад. Ин мавзӯъ тавре, ки аз мурури таҳқиқ бармеояд аз мавзӯъҳои камшинохташуда дар забоншиносии тоҷик ба ҳисоб меравад.

Аҳамияти таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки дар забоншиносии тоҷик аввалин бор мавзӯи матни сиёсӣ ва хусусиятҳои забоншиносии тарҷумаи онҳо мавриди арзёбии диссертатсионӣ қарор гирифтааст.

Ҷанбаи дигари аҳамияту арзиши таҳқиқ дар он аст, ки баррасии қиёсии матнҳои тарҷумашуда аз забони форсӣ ба арабӣ сурат гирифтааст. Таҳлили қиёсӣ муҳаққиқонро ба мушкилоте ошно месозад, ки ҳангоми тарҷума пайдо мешаванд.

Дар забоншиносии ҷаҳонӣ перомуни матни сиёсӣ ва хусусиятҳои он, вазифаҳои гуфтмони сиёсӣ осори тахқиқии зиёде анҷом шудааст. Махсусан дар ин замина тадқиқоти муҳаққиқони рус Демянков В.З., Белянин В.П., Герасименко Н.А., Баранов А.Н., Шейгал Е.И., Алнунян

А.Т., Марчук Ю.Н., Репина Е.А. қобили мулоҳизаанд. Дар забоншиносии муосири Эрон бошад, перомуни матни сиёсӣ ва ҷузъиёти он таваҷҷуҳи камтаре сурат гирифтааст.

Дар забоншиносии тоҷик низ, то ба имрӯз ба таври алоҳида дар атрофи вижагиҳои матни сиёсӣ, гуфтмони сиёсӣ, пажӯҳишӣ қобили мулоҳизае сурат нагирифтааст. Таълифоте, ки ба ин мавзӯъ наздикӣ доранд, бештар ба омӯзиши осори публисистии нависандагону муҳаққиқони алоҳида ихтисос дошта, зимни таҳлилу баррасии онҳо такяи аслӣ рӯи мавзӯоти осор сурат гирифтааст.

Бо шумори ин максади асосии таҳқиқ омӯзишу баррасии васеи мавзӯи хусусиятҳои забонии матнҳои сиёсии форсии тарҷумашуда ба арабӣ ба шумор меравад. Тарҷумаи матнҳои сиёсӣ аз забони форсӣ ба арабӣ фарогири мушкилоти пуршуморест, ки дар ҷараёни тарҷума дар сатҳи лексикӣ, сарфиву наҳвӣ ва маъноӣ ба зуҳур мерасад. Аз ин рӯ, шинохту муайянсозӣ ва рафъи мушкилот ҳадафи дигари таҳқиқ аст, ки бар асоси маводи матнҳои тарҷумашуда аз форсӣ ба арабӣ сурат гирифтааст. Дар диссертатсия таҳқиқ ба таври фишурда дар атрофи масоили зиёд ибрози назар шудааст. Аз ҷумла баррасии иҷмолии асосҳои назарӣ ва таърихчаи тарҷума ва гурӯҳбандии матнҳо аз нигоҳи амри тарҷума анҷом шуда, шохисҳои қонунмандиҳои тарҷума дар забонҳои форсӣ ва арабӣ муайян карда шудаанд. Ҳамчунин таҳлилу арзёбии гуфтмони сиёсӣ ва таъйини вижагиҳои он баррасӣ гардида фикру мулоҳизот дар иртибот бо масоили амалияи тарҷума дар забонҳои мавриди назар пешниҳод шудааст.

Тозагии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки диссертант дар натиҷаи пажӯҳишу баррасиҳо ба хусусиятҳову қонунмандиҳои хоси тарҷума дар забонҳои мавриди назар даст ёфтааст.

Дар диссертатсия талош шудааст, нахуст атрофи асосҳои назарии шинохти тарҷума, кори тарҷума аз дидгоҳи муҳаққиқону олимон, ҷойгоҳи тарҷума дар миёни пажӯҳишҳои забоншиносӣ ибрози назар шавад.

Масъалаи дигаре, ки диссертант ба он таваҷҷуҳ намуда, шаклгириву камоли тарҷума дар ҷараёни таърих аст. Мазкур бар ин назар аст, ки муайянсозии хестангоҳ ва макони тарҷума душвор аст ва ҳеҷ санаде мавҷуд нест, ки нахустин нуқтаи пайдоиши тарҷумаро ба исбот расонад, вале як чиз мусаллам аст, ки тарҷума маҳз дар сарзаминҳои ғарбӣ беш аз ҳар ҷойи дигаре рушди чашмгир доштааст.

Дар таҳқиқ ба тафсил ҷараёни зуҳуру инкишофи тарҷума дар кишварҳои ғарбиву шарқӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифтаанд. Масъалаи дигаре, ки баррасӣ шуда, зикри нақшу ҷойгоҳи шахсиятҳое аст, ки дар рушди тарҷума саҳми муассир доштаанд.

Дар диссертатсия ҳамчунин атрофи улуме таҳқиқ шуда, ки дар амри тарҷума ва тарҷумашиносӣ нақши корсоз доранд. Ба андешаи диссертант соҳаҳое мисли забошиносӣ, маъношиносӣ, ҷомеашиносӣ, фарҳангшиносӣ, назарияи иттилоот намунаи риштаҳое аз улуманд, ки метавон зимни таҳқиқи тарҷума аз онҳо истифода намуд.

Ҳарчанд муҳаққиқону назарияпардозони риштаи забоншиносӣ ба таври мустақилона дар атрофи назарияи тарҷума ва масоили пурпечи он мушаххасан ибрози назар нанамудаанд, вале мавзӯъ ва тарҳҳои назарии онҳо баъдҳо сабабгору нуқтаи оғозин дар тағйиру таҳаввули бузурги соҳаи тарҷумашиносӣ гаштааст.

Мавзӯи дигаре, ки дар диссертатсия атрофаш зиёд баҳс шудааст, матн, таснифу гурӯҳбандии матн аз зовияи тарҷума мебошад. Диссертант бар ин назар аст, ки зимни гуруҳбандии матнҳо бояд ба се ҷамба ё се навъи матн таҳти унвони муҳтаво-меҳвар, сурат-меҳвар ва аксуламали меҳвар таваҷҷуҳ намуд. Ҳар яке аз ин навъҳо хусусиятҳои ба худ хос доранд.

Бахши муҳимми диссертатсия таҳқиқи матни сиёсӣ ва гуфтмони сиёсӣ аст, ки ба таври васеъ арзёбӣ шудааст.

Зимни баррасӣ мавзӯи таҳқиқ методу шеваҳои таҳқиқи роиҷ дар забоншиносии муосир ва махсусан аз тарзи кори маъруфтарин забоншиносону эроншиносони дохиливу хориҷӣ мисли Нодир Ҳаққонӣ,

Саид Алии Мирумодӣ, Саиди Козим Лутфипур, Ҳусейн Муллоназар, Найдо Юҷин, Н.А. Герасименко, Ю.Н. Марчук, А.Т. Алтунян мавриди истифода қарор гирифтааст.

Аҳамияти илмӣ-амалии диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки он метавонад барои мутахассисону муҳаққиқони соҳаҳои мухталифи илми забоншиносӣ судманд бошад. Диссертатсия дорои маводи фаровон рочеъ ба ҷараёни зуҳуру шаклгирии тарҷума, матн ва анвои он дар ҷараёни тарҷума, матни сиёсӣ ва вижагиҳои он буда, дар омодасозии курси лексияҳо доир ба тарҷума ва тарҷуамшиносӣ пурахамият аст.

Мундариҷаи асосии диссертатсия дар мақолаҳои чопнамудаи муаллиф, аз ҷумла 3 мақолаи дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршуда инъикос ёфтааст:

1. Алҷуанӣ Султон. Нигоҳе ба баъзе аз масоили тарҷума/ Султон А.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе- 2018. - №4. – С. 206-209 [ба заб. тоҷ.].
2. Алҷуанӣ Султон. Омилҳои дарунматнӣ ва иштибоҳоти эҳтимолӣ зимни тарҷума/ Султон А. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе-2018. - №6. – С. 139-142 [ба заб. тоҷ.].
3. Алҷуанӣ Султон. Нигоҳи ба мафҳуми «матни сиёсӣ» ва «гуфтмони сиёсӣ»/ Султон А. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе-2019. - №4– С. 178-182 [ба заб. тоҷ.].

Кафедраи филологияи Эрони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи доктории Алҷуҳанӣ Султон Абдулкарим «Вижагиҳои матнҳои сиёсии тарҷумашуда аз забони форсӣ ба забони арабӣ» (бар асоси расонаҳои www. irna.ir (ایرنا), www. BBC Persian (بی بی سی)-ро барои

дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020900- «Шарқшиносӣ» барои ҳимоя тавсия менамояд.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраҳои филологияи Эрон ва филологияи араби факултети забонҳои Осиё ва Аврупои ДМТ қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 13 нафар, аз ҷумла 3 нафар доктори илмҳои филологӣ, 6 нафар номзади илмҳои филологӣ иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 13 нафар, «зид» – 0, «бетараф» – 0, қарори №4 аз 29-ми декабри соли 2020

Н.и.ф. , дотсенти кафедраи филологияи Эрон Абдулҳадов Ҷ. З.

Котиби илмӣ: н.и.ф., дотсент,. Тоҳирзода С.Т.

Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17.
Тел.: +992 372 21 7711
E-mail:tgnu@mail.tj
http://www.tnu.tj

Имзои Ҷ. Абдулҳадов
ва С. Тоҳирзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э. Ш.